Алишери МУҲАММАДӢ

# ЁДНОМА

Душанбе - 2008

Алишери МУҲАММАДӢ

# ЁДНОМА

## (мунтахаби қоидаҳои забони тоҷикӣ)

Душанбе – 2008

*Дастур бо тавсияи шӯъбаи маорифи ноҳияи Рашт ба нашр расидааст.*

Алишери Муҳаммадӣ
Ёднома, дастури таълимӣ,
Душанбе, саҳ. 40

Дар ин маҷмӯа қоидаҳои дастурӣ аз китобҳои дарсии забони модарӣ мураттаб шудааст, ки он аз аҳамият орӣ нест. Дар бахши омӯзиши забони тоҷикӣ ин китобча мададгору роҳнамои хубе хоҳад буд.

Дастури мазкур барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзгорон ва хоҳишмандон тавсия мешавад.

© А. Муҳаммадӣ, 2008

**Ҳар к-ӯ ба забони худ сухандон гардад,**
**Донистани сад забонаш осон гардад.**

Дар бобати чӣ гуна пайдо шудани забон ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Олимон ва муҳаққиқон вобаста ба давраҳои таърихӣ ва алоқамандиашон ба дину оин ва сохти давлатдорӣ гипотеза (тахмин)-ҳои гуногунро пешниҳод кардаанд. Яке забонро атои худовандӣ, дигаре натиҷаи тақлиди овозҳои табиат, сеюмӣ онро натиҷаи зиндагонӣ ва меҳнати коллективонаи одамони ибтидоӣ медонанд. Мо ин масъалаи доманадорро пайгирӣ накарда, зарурати мавҷудият ва истифодаи забонро дар асри пешрафти технология ва ҷаҳонишавии баъзе забонҳо ёдрас карданием.

Таҳқиқоти забоншиносон нишон додаанд, ки дар тӯли 50 соли охир тақрибан 500 забон аз байн рафтааст. Тахмин меравад, ки дар давоми 50 соли оянда ин шумора 3 баробар зиёд мешавад. Аз байн рафтани забон бошад, маънии аз миён рафтани давлат ва миллатро дорад, ки дар таърихи башарият аз ин мудҳиштар фоҷиае то ҳол вуҷуд надоштааст.

Забон,. ки муҳимтарин воситаи мухобира (хабардиҳӣ)-и одамон аст, бегуфтугӯ дар асоси қонуну қоидаҳои худ инкишоф меёбад ва соҳиби забон будан маънии донистани қонунияти забонро дорад. Вале имрӯз хеле зиёд шоҳиди он мешавем, ки баъзеҳо (ҳатто омӯзгорон, рӯзноманигорон ва кормандони садову симо) зарурати омӯзиши қонуну қоидаҳои забонро барои омма инкор мекунанд ва онро моли забоншиносон медонанд. Ба андешаи ман ҳамин ақидаи ғалат буд, ки то имрӯз наметавонем грамматикаи забони тоҷикиро дар компютер

истифода барем, луғатҳои гуногуни дузабонаю сезабонаи электронӣ тартиб диҳем ва асарҳои классикони худро ба таври таъҷилӣ ба дигар забонҳо тарҷума намоем.

Агар мо ба омӯзиши забони модарӣ бсэътиноӣ намекардем, шояд имрӯз матни рӯзномаву маҷаллаҳо, барномаҳои телевизионӣ, шаҳодатномаву шиноснома ва тахтасанги мақбараҳоямон... бе саҳву иштибоҳи дағал имло мешуданд. Дигар ин, ки аз надонистани забони модарии худ мо дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба мушкилоти зиёд дучор намеомадем.

Ҳамин андешаҳо буд, ки зарурати тартиб додани ин маҷмӯа ба миён омад. Маҷмӯа дар шакли саволу ҷавоб тартиб дода шудааст. Он чи аз қоидаҳои дастурӣ (грамматикӣ) дар ин китобча омадааст, аз китобҳои дарсии забони модарӣ гулчин шудаанд, вале аҳамияти ин китобча пеш аз ҳама дар он аст, ки ҳангоми аз хотири хонанда рафтани ягон қоидаи дастурӣ ӯ метавонад ба қисмати даркории (фонетика, лексикология, морфология...) ин маҷмӯа муроҷиат карда, ба саволи худ ҷавоб ёбад. Дар акси ҳол лозим меояд, ки хонанда китобу дафтарҳои зиёдро тагурӯ намояд. Аз ин рӯ ин маҷмӯаро «Ёднома» номидем.

Ин маҷмӯа асосан барои хонандагони синфҳои 5-11 ва омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ тартиб дода шудааст. Ҳамзамон дигар хоҳишмандон низ метавонанд аз ин китобча босамар истифода баранд.

Умед дорем, ки дар асоси маслиҳату пешниҳоди омӯзгорону забоншиносон асарро такмил диҳем, то ки он дар бахши омӯзиши забони тоҷикӣ барои хоҳишмандон мададгору раҳнамои хубе гардад.

**Мураттиб**

| №р/т | САВОЛ | ҶАВОБ |
|---|---|---|
| Муқаддимаи забоншиносӣ | | |
| 1. | Забон чист? | Забон муҳимтарин воситаи алоқа (муxобира)-и мардумон аст. |
| 2. | Забоншиносӣ чист? | Забоншиносӣ илмест, ки қонуну қоидаҳои забони инсонро меомӯзад. |
| 3. | Қисматҳои асосии забоншиносӣ кадомҳоянд? | 1. Фонетика (овозшиносӣ);<br>2. Лексикология;<br>3. Морфология;<br>4. Имло;<br>5. Синтаксис;<br>6. Фразеология;<br>7. Услубшиносӣ; |
| 4. | Фонетика чист? | Фонетика яке аз қисматҳои забоншиносӣ буда, овозҳои нутқро меомӯзад. |
| 5. | Лексикология чист? | Лексикология яке аз қисматҳои забоншиносӣ буда, таркиби калима ва луғатро меомӯзад. |
| 6. | Морфология чист? | Морфология яке аз қисматҳои забоншиносӣ буда, ҳиссаҳои нутқро меомӯзад. |
| 7. | Имло чист? | Имло яке аз қисматҳои забоншиносӣ буда, қоидаҳои дуруст навиштани калимаҳо ва шаклҳои грамматикиро меомӯзад. |

| | | |
|---|---|---|
| 8. | Синтаксис чист? | Синтаксис яке аз қисматҳои забоншиносӣ буда, қонуну қоидаҳои ибора ва ҷумларо меомӯзад. |
| 9. | Фразеология чист? | Фразеология яке аз қисматҳои забоншиносӣ буда, қонуну қоидаи ибораҳои устувор (таъбирҳо) – ро меомӯзад. |
| 10. | Услубшиносӣ чист? | Услубшиносӣ яке аз қисматҳои забоншиносӣ буда, услубҳои нутқро меомӯзад. |
| 11. | Воҳидҳои забони тоҷикӣ кадомҳоянд? | 1. ҳарф; 4. ибора;<br>2. ҳиҷо; 5. ҷумла;<br>3. калима; 6. матн<br>воҳидҳои забон мебошанд. |
| 12. | Ҳарф чист? | Хурдтарин воҳиди забонро ҳарф меноманд. Мисол: *а, б, г, д, ж, й, қ, л, м, н, о, р, с, ч, ҷ, ӯ* |
| 13. | Ҳиҷо чист? | Ба ҳиссаҳо ҷудо шудани калимаро ҳиҷо меноманд. Мисол: *о-дам, ка-ли-ма-ҳо-ро* |
| 14. | Калима чист? | Воҳиди хурдтарини маънодори забонро калима меноманд. Мисол: *китоб, калон, ду, меомаданд, дина* |

| | | |
|---|---|---|
| 15. | Ибора чист? | Ду ё зиёда калимаҳои аз ҷиҳати маъно ва дастурӣ ба ҳам алоқаманд, ки як мафҳуми мураккабро ифода мекунанд, ибора ном доранд. Мисол: *хонаи мо, гули зебо* |
| 16. | Воситаи алоқа дар ибора кадом аст? | 1. Бандаки изофии –и. Мисол: *талабаи беҳтарин* 2. Тартиби калимаҳо. Мисол: *беҳтарин талаба* |
| 17. | Ҷумла чист? | Як, ду, ё зиёда калимаҳое, ки як фикри томро ифода мекунанд, ҷумла номида мешаванд. Мисол: *Саҳар. Деҳ хомӯш аст. Ман намеомадам.* |
| 18. | Матн чист? | Ду ё зиёда ҷумлаҳои аз ҷиҳати мазмун ва грамматика алоқамандро, ки як мазмунро ифода мекунанд, матн меноманд. Мисол: *Рӯз шудааст. Аммо офтоб наменамояд. Аз ин ҷиҳат ҳаво ҳоло ҳам сард аст.* |
| **Фонетика** | | |
| 19. | Алифбо чист? | Ҳарфҳо ва тартиби муайяни онҳоро алифбо меноманд. |
| 20. | Алифбои тоҷикӣ кай тасдиқ гардидааст? | Алифбои тоҷикӣ бори охирин 3-юми сентябри соли 1998 тасдиқ гардидааст. |

| | | |
|---|---|---|
| 21. | Тартиби алифбои тоҷикӣ чи гуна аст? | Аа Бб Вв Гг Ғғ<br>Дд Ее Ёё Жж Зз<br>Ии й Йй Кк Ққ<br>Лл Мм Нн Оо Пп<br>Рр Сс Тт Уу Ӯӯ<br>Фф Хх Ҳҳ Чч Ҷҷ<br>Шш ъ Ээ Юю Яя |
| 22. | Дар алифбои тоҷикӣ чанд ҳарф ва чанд овоз мавҷуд аст? | Дар алифбои тоҷикӣ 35 ҳарф ва 30 овоз мавҷуд аст.<br>Аз сабаби ду шакли навишт доштани баъзе ҳарфҳо миқдори онҳо аз овозҳо бештар аст. |
| 23. | Фарқи овоз аз ҳарф дар чист? | Овозҳоро талаффуз мекунем ва мешунавем, ҳарфҳоро бошад мебинем ва менависем. Овозҳоро дарозу кӯтоҳ, пасту баланд ва нарму бошиддат талаффуз мекунем. Ҳарфҳо бошад хурду калон ва дастию чопӣ мешаванд. |
| 24. | Йотбарсарҳо кадомҳоянд? | Ее (й+э) Ёё (й+о) Юю (й+у) Яя (й+а) |

| | | |
|---|---|---|
| 25. | Овозҳои нутқ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд? | Овозҳои нутқ ба садонок ва ҳамсадо ҷудо мешаванд. |
| 26. | Садонок чист? | Овозеро, ки ҳангоми талаффузи он ҳавои аз шуш бароянда бе монеа (яъне дар ягон ҷо дакка нахӯрда) ба берун мебарояд, садонок меноманд. |
| 27. | Ҳамсадо чист? | Овозеро, ки ҳангоми талаффузи он ҳавои аз шуш бароянда ба монеаҳо дучор шуда ба берун мебарояд, ҳамсадо меноманд. |
| 28. | Садонокҳо кадомҳоянд? | Садонокҳо 6-тоянд:<br>*а, и, у* (садоноки устувор)<br>*о, э, ӯ* (садоноки ноустувор) |
| 29. | Ҳамсадоҳо кадомҳоянд? | Ҳамсадоҳо 24-тоянд:<br>*б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ* |
| 30. | Аз рӯйи талаффуз ҳамсадоҳо чанд хел мешаванд? | Аз рӯйи талаффуз ҳамсадоҳо ба 2 гурӯҳ ҷудо мешаванд:<br>• ҳамсадоҳои ҷарангдор 13-то: *б, в, д, з, ж, ҷ, г, ғ, м, н, л, р, й*<br>• ҳамсадоҳои беҷаранг 11-то: *п, ф, т, с, ш, ч, к, х, қ, ъ, ҳ* |
| 31. | Шадда (ташдид) чист? | Бошиддат ва ду бор талаффуз шудани ҳамсадоро шадда мегӯянд. Мисол: *барра, қувва, пашша, модда, арра, аммо.* Шадда дар охири калима ояд. |

| | | |
|---|---|---|
| | | бо як ҳарф навишта мешавад, вале пеш аз бандаки изофӣ бо ду ҳарф: *Аз ин <u>фан</u> баҳо дорам. Аз <u>фанни</u> забон не.* |
| 32. | Ҳиҷо чанд хел мешавад? | Ҳиҷо 2 хел мешавад:<br>• Агар ҳиҷо бо садонок тамом шавад, онро ҳиҷои кушода меноманд. Мисол: *<u>бо</u> – <u>бо</u>, <u>ҳо</u> – ким, <u>са</u>–<u>ма</u>-<u>ра</u>, <u>но</u>-кас*<br>• Агар ҳиҷо бо ҳамсадо тамом шавад, онро ҳиҷои баста меноманд. Мисол: <u>бог</u> – <u>бон</u>, са – <u>вор</u>, <u>ар</u> – <u>зан</u>, <u>нон</u>-по-ра |
| 33. | Задаи калимавӣ чист? | Равшантару сахттар садо додани яке аз ҳиҷоҳои калимаро зада меноманд. |
| 34. | Дастгоҳ (аппарат)-и нутқ чист? | Узвҳои инсон, ки дар пайдо шудани овозҳо (ҳарфҳо) иштирок мекунанд, дастгоҳи нутқ номида мешаванд. Ин дастгоҳ иборат аст аз:<br>шуш, найчаҳои шуш, гулӯ, садопардаҳо, забонча, ковокии бинӣ, забон, дандон, коми боло, коми поён, лабҳо ва майнаи сар |

## Лексикология

| | | |
|---|---|---|
| 35. | Калимаҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? | Калимаҳо аз ҷиҳати сохт 6 хел мешаванд:<br>•содда;<br>•сохта; |

| | | |
|---|---|---|
| | | •мураккаб;<br>•таркибӣ;<br>•такрор;<br>•кӯтоҳшуда; |
| 36. | Чӣ гуна калимаро калимаи содда меноманд? | Калимае, ки танҳо аз як реша иборат аст, калимаи содда ном дорад. Мисол: *даст, сар, китоб, камон, дил* |
| 37. | Чӣ гуна калимаро калимаи сохта меноманд? | Калимае, ки ба ғайр аз реша боз пешванду пасванд дорад, калимаи сохта ном дорад. Мисол: *даст<u>а</u>, китоб<u>ча</u>, камон<u>вар</u>, <u>ҳам</u>дил, <u>бе</u>кор<u>ӣ</u>, <u>бе</u>об* |
| 38. | Чӣ гуна калимаро калимаи мураккаб меноманд? | Калимае, ки аз ду ва зиёда решаҳо сохта шудааст, калимаи мураккаб ном дорад. Мисол: *дастхат, китобхон, камонсоз, дилдор, кордон* |
| 39. | Чӣ гуна калимаро калимаи таркибӣ меноманд? | Калимае, ки аз ду ва зиёда калимаҳои алоҳида сохта шуда, танҳо як маъноро ифода мекунад, калимаи таркибӣ ном дорад. Мисол: *Осиёи Миёна, асрҳои қадим, бисту панҷ, ҷангҳои салибӣ* |
| 40. | Чӣ гуна калимаро калимаи такрор меноманд? | Калимаҳое, ки аз як решаи ду бор такроршаванда сохта мешаванд, калимаҳои такрор ном доранд. Мисол: *тез-тез, маҳин-маҳин, давон-давон, сабук-сабук, сар-сар* |

| | | |
|---|---|---|
| 41. | Чӣ гуна калимаро калимаи кӯтоҳшуда меноманд? | Калимаҳое, ки мувофиқи зарурат ҳарфҳояшон қисман партофта мешаванд, калимаҳои кӯтоҳшуда ном доранд.<br>Мисол: *ҶТ, ВКД, СММ, ДДТ* |
| 42. | Калимаҳо аз ҷиҳати маъно чанд хел мешаванд? | Калимаҳо аз ҷиҳати маъно 2 хел мешаванд:<br>- якмаъно;<br>- сермаъно; |
| 43. | Кадом калимаҳоро калимаҳои якмаъно меноманд? | Калимаҳое, ки фақат бо як маъно истифода мешаванд, калимаҳои якмаъно номида мешаванд. Масалан: *радио, танк, пиёз, ангур, офтоб, нон* |
| 44. | Кадом калимаҳоро калимаҳои сермаъно меноманд? | Он калимаҳое, ки ба ғайр аз маънои асосиашон боз маънои иловагӣ доранд, калимаҳои сермаъно номида мешаванд. Масалан, калимаи сар чандин маъно дорад: *сари кӯҳ, сари қалам, сари кор, сари об, сари баландӣ, сари девор* |
| 45. | Муродиф чист? | Калимаҳои гуногуншакле, ки як маъноро ифода мекунанд, муродиф (синоним) номида мешаванд.<br>Мисалан: *рӯй, чеҳра, ораз, лико, афт, башара, сика, сумот* ҳамаашон як маъно доранд. |

| | | |
|---|---|---|
| 46. | Мустазод чист? | Калимаҳои зидмаъноро мустазод (антоним) меноманд. Масалан: *рӯз – шаб, торик – рушан, дӯст – душман, талх - ширин* |
| 47. | Ҳамгуна чист? | Калимаҳои ҳамшакле, ки маънои гуногун доранд, ҳамгуна (омоним) номида мешаванд. Масалан:<br>*хар – ҳайвон,*<br>*хар – бихар,*<br>*чанг – асбоби мусиқӣ,*<br>*чанг – чанги кӯча,* |
| 48. | Ҳиссаҳои калима кадомҳоянд? | Реша, пешванд (префикс), пасванд (суффикс), асос ва бандак. |
| 49. | Реша чист? | Он қисми калима, ки маънои асосӣ дар он аст, реша ном дорад. Мисол:<br>*коргар, хонагӣ, обӣ, сарвар* |
| 50. | Кадом калимаҳоро ҳамреша меноманд? | Калимаҳосро, ки аз як реша сохта шудаанд, калимаҳои ҳамреша меноманд. Мисол: *тарс – нотарс – тарсу – тарсончак – тарсонидан…* |
| 51. | Пешванд (префикс) чист? | Он қисми калима, ки пеш аз реша омада, маънои калимаро тағйир медиҳад, пешванд (префикс) ном дорад. Мисол: *ҳамкор, нодон, бебок, безанг* |

| | | |
|---|---|---|
| 52. | Дар забони тоҷикӣ кадом пешвандҳо бештар истифода мешаванд? | Дар забони тоҷикӣ пешвандҳои зерин бештар истифода мешаванд: *бе-, ба-, бо-, но-, ҳам-* |
| 53. | Пасванд (суффикс) чист? | Он қисми калима, ки пас аз реша омада, маънои калимаро тағйир медиҳад, пасванд (суффикс) ном дорад. Мисол: *одамон, гулзор, хокӣ, кӯҳҳо* |
| 54. | Дар забони тоҷикӣ кадом пасвандҳо бештар истифода мешаванд? | Дар забони тоҷикӣ пасвандҳои зерин бештар истифода мешаванд: *-он, -ён, -гон, -ҳо, -зор, -истон, -дон, -ӣ, -гӣ, -вӣ, -чӣ, -анда, -янда, -манд* |
| 55. | Асос чист? | Он ҳиссаи калима, ки баъд аз партофтани бандакҳо боқӣ мемонад, асос ном дорад. Мисол: *хонаам, нодониятон* |
| 56. | Бандак чист? | Он ҳиссаи калима, ки баъд аз асос меояд, бандак ном дорад. Мисол: *омадам, гуфтагистанд* |
| 57. | Бандакҳо чанд хел мешаванд? | Бандакҳо 4 хел мешаванд:<br>- изофӣ: *гули сиёҳгӯш;*<br>- бандакҷонишин: *каламам;*<br>- феълӣ: *омадем, гуфтанд;*<br>- хабарӣ: *гарм аст, рафтааст* |

| | | |
|---|---|---|
| 58. | Бандаки хабарии *аст* чӣ гуна навишта мешавад? | Бандаки хабарии аст бо сифати феълӣ якҷоя, вале аз исм, сифат, ҷонишин ва масдар ҷудо навишта мешавад. Мисол:<br>*Шараф мактаб рафтааст.*<br>*Зариф пешқадам аст.*<br>*Падарам ронанда аст.* |
| 59. | Бандаки изофӣ чӣ вазифа дорад? | Бандаки изофӣ калимаҳоро ба ҳам алоқаманд намуда, ибора месозад. Мисол: *табиати зебо, китоби ман. сари бедард*<br>Бандаки изофӣ бо калимаи тобеъкунанда якҷоя меояд. |
| 60. | Аломатҳои китобатӣ кадомҳоянд? | . нуқта;<br>, вергул;<br>: аломати баён;<br>; нуқтавергул;<br>... сенуқта;<br>.......... мулнуқта;<br>? аломати савол;<br>! аломати хитоб;<br>- дефис;<br>– тире;<br>( ) қавс;<br>« » нохунак; |
| **Морфология** | | |
| 61. | Дар забони то - ҷикӣ чанд ҳис- саи нутқ аст? | Дар забони тоҷикӣ 10 ҳиссаи нутқ мавҷуд аст. |

| | | |
|---|---|---|
| 62. | Ҳиссаҳои нутқ чанд хел мешаванд? | Ҳиссаҳои нутқ мустақил ва ёридиҳанда мешаванд. |
| 63. | Ҳиссаҳои мустақили нутқ кадомҳоянд? | Ҳиссаҳои мустақили нутқ 6-тоанд:<br>1. Исм;<br>2. Сифат;<br>3. Шумора;<br>4. Ҷойнишин;<br>5. Феъл;<br>6. Зарф; |
| 64. | Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ кадомҳоянд? | Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ 4-тоанд:<br>1. Пешоянду пасоянд;<br>2. Пайвандак;<br>3. Ҳиссача;<br>4. Нидо; |
| 65. | Ҳиссаҳои мустақили нутқ аз ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ чӣ фарқ доранд? | Он ҳиссаҳои нутқ, ки дар алоҳидагӣ маъно дошта, ба онҳо савол гузоштан мумкин аст, ҳиссаҳои мустақили нутқ номида мешаванд.<br>Он ҳиссаҳои нутқ, ки дар алоҳидагӣ маъно надоранд ва ба онҳо савол гузоштан мумкин нест, ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ номида мешаванд. |
| 66. | Исм чист? | Он ҳиссаи нутқе, ки номи ашёҳоро ифода карда, ба саволҳои кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? ҷавоб мешавад, исм ном |

| | | |
|---|---|---|
| | | дорад. Мисол: *даст, нон, хона, савора, иштиҳо, ишк, рӯ* |
| 67. | Исмҳо чанд хел мешаванд? | Исмҳо:<br>1. Ҷондору беҷон (*саг, санг*);<br>2. Хосу ҷинс (*Олим, олим*);<br>3. Кул ва ҷузъ (*себ, бихӣ*);<br>4. Моддию маънӣ (*хок, ишк*);<br>5. Шахс ва ғайришахс (*шоир, шер*);<br>6. Танҳо ва ҷамъ (*хона, хонаҳо*);<br>мешаванд. |
| 68. | Исмҳои ҷондор кадомҳоянд? | Он гурӯҳи исмҳо, ки ашёҳо (предметҳо)-и ҷондорро ифода мекунанд, исмҳои ҷондор номида мешаванд. Мисол: *инсон, малах, моҳӣ, шер, саг, талаба, танбал, бсор* |
| 69. | Исмҳои беҷон кадомҳоянд? | Он гурӯҳи исмҳо, ки ашёҳо (предметҳо)-и беҷонро ифода мекунанд, исмҳои беҷон номида мешаванд. Мисол: *пиёз, моҳтоб, осмон, хок, санг* |
| 70. | Исми хос чист? | Исме, ки номи шахс, ноҳия, вилоят, кӯҳ, дарё, маҳалла...-ро ифода мекунад, исми хос ном дорад. Мисол: *Турсунзода, Гарм, Рашт, Сурхоб, «Садои Шарк»*<br>Исмҳои хос вақти навиштан бо ҳарфи калон сар карда мешаванд. |

| | | |
|---|---|---|
| 71. | Исми ҷинс чист? | Исме, ки номи гурӯҳи ашёҳои ҳамҷинсро ифода мекунад, исми ҷинс ба ҳисоб меравад. Мисол: *об, дарахт, олуча, писар, духтар, дӯст, китоб* |
| 72. | Сифат чист? | Он ҳиссаи нутқе, ки аломати ашёҳоро фаҳмонда, ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? ҷавоб мешавад, сифат ном дорад. Мисол: *сурх, сафед, тез, баланд, нарм, ҷавон, кӯр* |
| 73. | Сифатҳо чанд хел мешаванд? | Сифатҳо аслӣ ва нисбӣ мешаванд. |
| 74. | Кадом сифатҳоро сифатҳои аслӣ меноманд? | Сифатҳоеро, ки хусусияти ашёро мефаҳмонанд, сифатҳои аслӣ меноманд. Мисол: *калон, зард, хунук, паст, тар, бахил, равшан, тира* |
| 75. | Кадом сифатҳоро сифатҳои нисбӣ меноманд? | Сифатҳоеро, ки ба чи нисбат доштан, ё аз чӣ сохта шудани ашёро мефаҳмонанд, сифатҳои нисбӣ меноманд. Мисол: *тахтагин, сангӣ, обӣ, хокӣ, абрешимин, чармин* |
| 76. | Шумора чист? | Он ҳиссаи нутқе, ки миқдори ашёҳо ва дар вақти шумурдан тартиби онҳоро нишон медиҳад, шумора ном дорад. Шумора ба саволҳои чанд? |

| | |
|---|---|
| ист? | Исме, ки номи гурўҳи ашёҳои ҳамҷинсро ифода мекунад, исми ҷинс ба ҳисоб меравад. Мисол: *об, дарахт, олуча, писар, духтар, дўст, китоб* |
| | Он ҳиссаи нутқе, ки аломати ашёҳоро фаҳмонда, ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? ҷавоб мешавад, сифат ном дорад. Мисол: *сурх, сафед, тез, баланд, нарм, ҷавон, кўр* |
| д<br>д? | Сифатҳо аслӣ ва нисбӣ мешаванд. |
| й | Сифатҳоеро, ки хусусияти ашёро мефаҳмонанд, сифатҳои аслӣ меноманд. Мисол: *калон, зард, хунук, паст, тар, бахил, равшан, тира* |
| бӣ | Сифатҳоеро, ки ба чи нисбат доштан, ё аз чӣ сохта шудани ашёро мефаҳмонанд, сифатҳои нисбӣ меноманд. Мисол: *тахтагин, сангӣ, обӣ, хокӣ, абрешимин, чармин* |
| ? | Он ҳиссаи нутқе, ки миқдори ашёҳо ва дар вақти шумурдан тартиби онҳоро нишон медиҳад, шумора ном дорад. Шумора ба саволҳои чанд? |



| | | |
|---|---|---|
| | | чан<br>ҷав |
| 77. | Шумораҳо чанд намуд мешаванд? | Шу<br>1. т<br>2. м<br>3. к<br>4. т<br>меш |
| 78. | Ҷонишин чист? | Он<br>исм<br>бур<br>ном<br>Ҷой<br>онр<br>ба<br>мед<br>саво<br>шум |
| 79. | Ҷонишинҳо чанд намуд мешаванд? | Ҷой<br>*1.* П<br>*2.* С<br>*3.* Ш<br>*а* |
| 80. | Ҷонишинҳо аз ҷиҳати маъно чанд хел мешаванд? | Ҷон<br>8 хе<br>1. Ш<br>2. Т<br>3. С<br>*ч*<br>4. *И*<br>5. Т |

| | | |
|---|---|---|
| | | 6. Манфӣ (ҳеҷ)<br>7. Номуайянӣ (кадом, баъзе)<br>8. Муштарак (ҳамдигар) |
| 81. | Ҷойнишин чанд шахс ва чанд шумора дорад? | Ҷойнишин се шахс ва ду шумора дорад:<br><br>Шахси I: *ман* (танҳо), *мо* (ҷамъ);<br>Шахси II: *ту* (танҳо), *шумо* (ҷамъ);<br>Шахси III : *ӯ* (танҳо), *онҳо* (ҷамъ); |
| 82. | Феъл чист? | Он ҳиссаи нутқе, ки амал ва ҳолатро мефаҳмонад, феъл номида мешавад. Феъл ба саволҳои чӣ кор кард? чӣ мекунад? чӣ шуд? чӣ мешавад? ва ғайра ҷавоб мешавад. Мисол: *омад, мепарад, гуфтан, нарав, надид* |
| 83. | Феълҳо аз рӯйи шакл чанд хел мешаванд? | Феълҳо аз рӯйи шакл тасрифӣ ва ғайритасрифӣ мешаванд? |
| 84. | Феълҳои тасрифӣ чи гуна феъланд? | Ҳар гуна феъле, ки аз решаи он вобаста ба замон, шахс, шумора ва сиғааш феъли дорои тобиши нави маъноӣ сохтан мумкин бошад, феъли тасрифӣ ном дорад. Мисол: аз феъли рав феълҳои зерин сохтан мумкин аст: |

| | | |
|---|---|---|
| | | *равам, равӣ, равад, равем, равед, раванд, меравад, меравӣ, меравам…* |
| 85. | Феълҳои ғайритасрифӣ кадомҳоянд? | Ба феълҳои ғайритасрифӣ, ки онҳоро феълҳои ҷомид (шахшуда) низ мегӯянд, масдар (*рафтан, тезондан*), феъли ҳол (*кашолакунон, нафаскашон*) ва сифати феълӣ (*рондашуда, хандонда*) дохил мешаванд.<br>Ин феълҳоро аз рӯйи замон ва шахсу шумора тағйир додан мумкин нест. |
| 86. | Масдар чист? | Феъле, ки амалу ҳолатро фаҳмонда, замон, шахсу шумора ва сига надорад, масдар ном дорад. Мисол: *дидан, давидан, гуфтан*,<br>Нишонаи грамматикии масдар пасванди –ан мебошад. |
| 87. | Феъл чанд асос дорад? | Феъл ду асос дорад:<br>1. Асоси замони гузашта (*рафт,канд, часпид*);<br>2. Асоси замони ҳозира (*хӯр, кушо, дав, навис*); |
| 88. | Феъл чанд шахс дорад? | Феъл 3 шахс дорад:<br>а) Шахси 1-ум - гӯянда (*равам, меоям, дидам*); |

| | | |
|---|---|---|
| | | б) Шахси 2-юм - шунаванда (*равӣ, дидӣ, меоӣ*);<br>в) Шахси 3-юм - ғоиб (*равад, мегуфт, меомад*); |
| 89. | Феъл чанд шумора дорад? | Феъл 2 шумора дорад:<br>а) Шумораи танҳо (*омад, рафтам, наомадӣ*)<br>б) Шумораи ҷамъ (*омадем, созед, надиданд*) |
| 90. | Феъл чанд замон дорад? | Феъл 3 замон дорад:<br>1. гузашта(*рафт, омад, гуфт*)<br>2. ҳозира (*рафта истодааст*)<br>3. оянда (*меояд, хоҳад гуфт*) |
| 91. | Феъл чанд сиға дорад? | Феъл 4 сиға дорад:<br>а) сиғаи хабарӣ (*омад, рафт*)<br>б) сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ (*биёяд, гӯяд*)<br>в) сиғаи амрӣ (*биё, нарав*)<br>г) сиғаи эҳтимолӣ (*омадагист, мегуфтагист*) |
| 92. | Сиғаи феълӣ чист? | Бо тағйири шакли феъл тобиши нави маъноӣ пайдо кардани амалро сиға меноманд. |
| 93. | Феъли гузаранда чист? | Феъле, ки амали аз як предмет ба предмети дигар гузарандаро ифода мекунад, феъли гузаранда ном дорад. Феъли гузаранда ба саволҳои чӣ? чиро? киро? ҷавоб |

| | | |
|---|---|---|
| | | мешавад. Мисол: *Умед қаламро гирифт.* Дар ин ҷумла амал аз Умед ба қалам мегузарад. |
| 94. | Феъли монда чист? | Феъле, ки амали дар худи предмет ба амал ояндаро ифода мекунад, феъли монда ном дорад. Феълҳои монда одатан пуркунандаи бавоситаро талаб мекунанд. Мисол: *Салим ба мактаб рафт.* |
| 95. | Феъли бевосита чист? | Феъле, ки дар он иҷрокунандаи амал худи мубтадо аст, феъли бевосита ном дорад. Мисол: *Бобо мактуб навишт. Модарам дастархонро бардошт.* |
| 96. | Феъли бавосита чист? | Феъле, ки дар он мубтадо амалро ба воситаи касе ё чизе иҷро мекунад, феъли бавосита ном дорад. Мисол: *Бобо ба наберааш мактуб нависонд. Бибихалифа онҳоро понхӯрак мекунонд.* |
| 97. | Зарф чист? | Он ҳиссаи нутқе, ки аломати амал, миқдору дараҷа, замону макон ва сабабу мақсади иҷро шудани амалро мефаҳмонад, зарф ном дорад. Зарф ба саволҳои чӣ тарз? чӣ қадар? кай? дар куҷо? барои чӣ? аз |

| | | |
|---|---|---|
| | | куҷо? то куҷо? ва ғайра ҷавоб мешавад. Мисол: *тез, бсҳад зиёд, дирӯз, дар хона, пагоҳ* |
| 98. | Зарфҳо ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд? | Зарфҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:<br>1. Зарфи замон (*дирӯз, пагоҳ*)<br>2. Зарфи макон (*берун, қафо*)<br>3. Зарфи сабаб (*ноҷор, ноилоҷ*)<br>4. Зарфи мақсад (*қасдан*)<br>5. Зарфи миқдору дараҷа (*қариб, андак, кам-кам*)<br>6. Зарфи тарзи иҷрои амал (*зуд, савора, даҳонакӣ*) |
| 99. | Пешоянд чист? | Он ҳиссаи номустақили нутқ, ки пеш аз ҳиссаҳои мустақили нутқ омада, маънои ҷумларо пурра мекунад, пешоянд ном дорад.<br>Пешояндҳо аз ҳиссаи мустақил ҷудо навишта мешаванд. |
| 100. | Пешояндҳои забони тоҷикӣ кадомҳоянд? | Пешояндҳои асосии забони тоҷикӣ инҳоянд: *бе, бо, ба, аз, дар, бар, барои, ҷуз, то* |
| 101. | Пасоянд чист? | Пасоянд ҳиссаи номустақили нутқ буда, баъд аз ҳиссаҳои мустақили нутқ омада, маънои грамматикии онҳоро |

| | | |
|---|---|---|
| | | тағйир медиҳад. Пасояндҳои асосии забони тоҷикӣ -ро ва қатӣ мебошанд. |
| 102. | Пайвандак чист? | Пайвандак ҳиссаи номустақили нутқ буда, аъзоҳои ҷумла ва ҷумлаҳоро ба ҳам мепайвандад. |
| 103. | Пайвандакҳо чанд хел мешаванд? | Пайвандакҳо пайвасткунанда ва тобеъкунанда мешаванд. |
| 104. | Пайвандакҳои пайвасткунанда кадомҳоянд? | Пайвандакҳои пайвасткунанда ду калима ё ҷумларо ба ҳамдигар пайваст мекунанд. Онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад:<br>1. Пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам: ва, -у, -ю (Пайвандакҳои –у, -ю бо калима якҷоя навишта мешаванд.)<br>2. Пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ: аммо, вале, лекин<br>3. Пайвандакҳои пайвасткунандаи ҷудоӣ: ё, ё ки, ё ин ки, гоҳ |

| | | |
|---|---|---|
| 105. | Пайвандакҳои тобеъкунанда кадомҳоянд? | **Пайвандакҳои тобеъкунанда ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ мекунанд. Пайвандакҳои тобеъкунанда инҳоянд: ки, то ки, то ин ки, барои он ки, зеро, зеро ки, азбаски, вақте ки, агар, агар ки...** (Дар байни пайвандакҳои таркибӣ: **агар ки, зеро ки, вақте ки, вақто ки...** пеш аз ки вергул гузошта намешавад.) |
| 106. | Ҳиссача чист? | Ҳиссача ҳиссаи номустақили нутқ буда, ба калима, ҷумла ва ба тамоми баён тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшад. Ҳиссачаҳо тағйир намеёбанд ва аъзои ҷумла ҳам намешаванд. |
| 107. | Ҳиссачаҳо аз рӯйи сохт чанд хел мешаванд? | Ҳиссачаҳо аз рӯйи сохт 2 хел мешаванд:<br>- содда: **ана, ха, танҳо, канӣ**<br>- таркибӣ: **гӯё ки, ҳо ана** |
| 108. | Ҳиссачаҳо аз рӯйи маъно ва вазифа чанд хел мешаванд? | Ҳиссачаҳо аз рӯйи вазифа ва маъно ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:<br>o Саволӣ: **магар, оё, наход?**<br>o Таъкидӣ: **ҳатто, ҳам, хоҳ** |

| | | |
|---|---|---|
| | | o Тасдиқӣ: **ҳа, бале, оре, хуб**<br>o Инкорӣ: **не, на**<br>o Қувватдиҳанда: **мана,-ку, э**<br>o Маҳдудӣ: **фақат, танҳо** |
| 109. | Кадом ҳиссачаҳо бо дефис навишта мешаванд? | Ҳиссачаҳои зерин бо дефис навишта мешаванд:<br>**-ку, -дия, -а, -чӣ**<br>Ин ҳиссачаҳо хоси забони гуфтугӯйианд. |
| 110. | Нидо чист? | Он ҳиссаи ёрдидиҳандаи нутқ, ки барои ифодаи ҳаячону ҳиссиёти гуногуи ва изҳори хоҳишу ризоият хизмат мекунад, нидо ном дорад. Мисол: **ваҳ, ҳой, ҳайҳот, дарсғо, уф**<br>Нидоҳо аъзои ҷумла шуда наметавонанд. |
| 111. | Нидоҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? | Нидоҳо аз ҷиҳати сохт се хел мешаванд:<br>1. аслӣ: **эҳ, аҳа, оббо**<br>2. такрор: **вой-вой, ҳой-ҳой**<br>3. таркибӣ: **муборак бошад, қанд занед**<br>Нидоҳои такрор бо дефис навишта мешаванд. |
| 112. | Нидоҳо аз рӯйи маъно чанд хел мешаванд? | Нидоҳо аз рӯйи маъно ду хел мешаванд:<br>1. нидоҳои эҳсосотӣ, ки ҳиссиёти гуногуни инсонро ба ҳодисаҳои ҳаёт ифода мекунанд: |

| | | |
|---|---|---|
| | | Мисол: **аҷабо, ӯҳӯ, оҳ, обо, ҳай-ҳай, афсӯс, о, эй**<br>2. нидоҳои иродавӣ, ки тобишҳои гуногуни амриро ифода мекунанд.<br>Мисол: ҳой, эй, аё, ҷим, хомӯш, табрик, хайр, видоъ, боракалло, |

**Синтаксис**

| | | |
|---|---|---|
| 113. | Дар забони тоҷикӣ чанд аъзои ҷумла мавҷуд аст? | Дар забони тоҷикӣ 5 аъзои ҷумла мавҷуд аст: мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол. |
| 114. | Чиро аъзои ҷумла мегӯянд? | Он калимаҳои ҷумла, ки ба онҳо савол гузоштан мумкин аст, аъзои ҷумла номида мешаванд. |
| 115. | Аъзоҳои ҷумларо ба чанд қисм ҷудо мекунанд? | Аъзоҳои ҷумларо ба ду қисм ҷудо мекунанд:<br>• *мубтадо* ва *хабар* – сараъзоҳои ҷумла;<br>• *муайянкунанда*, *пур - кунанда*, *ҳол* – аъзоҳои пайрави ҷумла; |
| 116. | Фарқи сараъзо аз аъзои пайрав дар чист? | Бе иштироки сараъзоҳо ҷумлаи пурра сохтан мумкин нест, аммо бе иштироки аъзоҳои пайрав ҷумла сохтан мумкин аст. |

| | | |
|---|---|---|
| 117. | Мубтадо чист? | Мубтадо сараъзои ҷумла буда, амал, ҳолат ва ё аломати дар ҷумла ифодаёфта ба он тааллуқ дорад. Мубтадо ба саволҳои кӣ? киҳо? ва чӣ? чиҳо? ҷавоб мешавад. *Мисол: Мурод ба ҷустуҷӯи гӯсфандон баромад.* |
| 118. | Хабар чист? | Хабар сараъзои ҷумла буда, амал, ҳолат ва ё аломати мубтадоро мефаҳмонад. Хабар ба саволҳои чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ хел аст? кист? чист? ва ғайра ҷавоб мешавад. *Мисол: Салим хурсанд шуд.* |
| 119. | Муайянкунанда чист? | Муайянкунанда аъзои пайрави ҷумла буда, предметро аз ягон ҷиҳат (амал, аломат, хусусият) муайян мекунад. Муайянкунанда ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? кадом? аз они кӣ? чанд? кӣ? чӣ? ҷавоб мешавад. *Мисол: Ҷӯра китоби шавқовар харид.* |
| 120. | Баёния чист? | Баёния як намуди муайянкунунда мебошад. Вай муайянкунандаро бо ифодаи номи дигари он эзоҳ медиҳад ва ё таъкид мекунад. Баёния ба |

| | | |
|---|---|---|
| | | саволи кадом? чавоб мешавад. Мисол: *навиcанда Раҳим Ҷалил, аммаи Саломат, Рӯдакии шоир. Асои усто* |
| 121. | Пуркунанда чист? | Пуркунанда аъзои пайрави ҷумла буда, таъсири ҳаракат ва амали ҷумла ба он равона карда шудааст. Пуркунанда ба саволҳои киро? чиро? кӣ? чӣ? бо кӣ? бо чӣ? ба кӣ? ба чӣ? аз кӣ? аз чӣ? дар бораи кӣ? дар бораи чӣ? ва ғайра ҷавоб мешавад. *Мисол:* *Ман <u>падар</u>, <u>модар</u> ва <u>бародар</u> дорам. <u>Ватанро</u> дӯст доред!* |
| 122. | Ҳол чист? | Ҳол аъзои пайрави ҷумла буда, тарз, замон, макон, сабаб, мақсад ва ҳолатҳои дигари воқеъ шудани амалро мефаҳмонад. Ҳол ба саволҳои чӣ тавр? кай? дар куҷо? аз куҷо? то куҷо? чаро? аз чӣ сабаб? бо чӣ мақсад? барои чӣ? ва ғайра ҷавоб мешавад. *Мисол: Меҳмонон <u>ду-ду</u>, <u>чор-чор</u> ба тӯйхона омаданд. Ӯ мисли пахта <u>сап-сафед</u> буд.* |
| 123. | Ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд? | Ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохт ду хел мешаванд: содда ва мураккаб. |

| | | |
|---|---|---|
| 124. | Кадом ҷумларо ҷумлаи содда мегӯянд? | Ҷумлае, ки танҳо як фикрро ифода мекунад, ҷумлаи содда ном дорад. Мисол: *Ман омадам. Офтоб нишаст.* |
| 125. | Кадом ҷумларо ҷумлаи мураккаб меномаид? | Ҷумлае, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содда таркиб ёфта, аз ҷиҳати маъно ва интонатсия ягона аст, ҷумлаи мураккаб ном дорад. Мисол: *Пагоҳ ба кӯҳ меравем, агар борон набошад. Ӯ ваъда кард, аммо наомад.* Дар ҷумлаи мураккаб як ҷумла сарҷумла ва ҷумлаҳои дигар ҷумлаи пайрав мебошанд. |
| 126. | Сарҷумла чист? | Сарҷумла ҷумлаи соддаи мустақилест, ки аз ягон ҷиҳат бояд эзоҳ ва такмил ёбад. |
| 127. | Ҷумлаи пайрав чист? | Ҷумлаи пайрав ҷумлаест, ки тобеи сарҷумла буда, барои эзоҳи ягон аъзо ва ё такмили он истеъмол мешавад. |
| 128. | Хелҳои асосии ҷумлаи мураккаб кадомҳоянд? | Ҷумлаҳои мураккаб ду хел мешаванд: *1.* Пайвандакдор, ки дар онҳо воситаи алоқа пайвандак ба ҳисоб меравад. Мисол: *Ман дидам, <u>ки</u> ӯ* |

| | | |
|---|---|---|
| | | *гиря дошт.*<br>2. Бепайвандак, ки дар онҳо воситаи алоқа оҳанг (интонатсия) ба ҳисоб меравад. Мисол: *Ба хонаи ман биё, онҳоро мебинӣ.* |
| 129. | Ҷумлаҳо аз рӯйи оҳанг ва мақсад чанд хел мешаванд? | Ҷумлаҳо аз рӯйи оҳанг ва мақсад 4 хел мешаванд:<br>• хабарӣ (нақлӣ, ҳикоягӣ);<br>• саволӣ;<br>• амрӣ;<br>• хитобӣ; |
| 130. | Ҷумлаи хабарӣ чӣ гуна ҷумла аст? | Ҷумлае, ки ба воситаи он дар бораи чизе хабар дода мешавад, ҷумлаи хабарӣ ном дорад. Мисол: *Мо бо ӯ ба мадраса даромадем.*<br>Оҳанг дар охири ҷумлаи саволӣ паст мешавад ва дар охири он нуқта гузошта мешавад. |
| 131. | Ҷумлаи саволӣ чӣ гуна ҷумла аст? | Ҷумлае, ки пурсишро ифода мекунад, ҷумлаи саволӣ ном дорад. Мисол: *Чаро ту футболбозӣ намекунӣ?*<br>Охири ҷумлаи саволӣ бо оҳанги баландтар талаффуз карда мешавад ва дар охири он аломати савол гузошта мешавад. |

| | | |
|---|---|---|
| 132. | Ҷумлаи амрӣ чӣ гуна ҷумла аст? | Ҷумлае, ки ба воситаи он кассро ба иҷрои амале водор мекунанд, ҷумлаи амрӣ ном дорад. Мисол: *Гапи бемаъниро бас кун!*<br>Ҷумлаи амрӣ аз аввал то охир бо оҳанги шиддатнок талаффуз карда мешавад ва дар охири он аломати хитоб гузошта мешавад. |
| 133. | Ҷумлаи хитобӣ чист? | Ҷумлае, ки ҳаяҷон ва ҳиссиёти баландро мефаҳмонад, ҷумлаи хитобӣ ном дорад. Мисол: ***Зинда бод ҷавонони баномӯс!***<br>Ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ ва амрӣ агар бо ҳаяҷону ҳиссиёт талаффуз шаванд, дар охирашон боз аломати хитоб ҳам мегиранд. Мисол:<br>- ***Ман 50 кг пахта чидам.!***<br>- ***Ба муаллим чӣ мегӯӣ?!***<br>- ***Китобатро аз ин ҷо гир!!*** |
| 134. | Ҷумлаҳо аз рӯйи иштироки аъзоҳои ҷумла чанд хел мешаванд? | Ҷумлаҳо аз рӯйи иштироки аъзоҳои ҷумла ба хулласу тафсилӣ ва яктаркибаю дутаркиба ҷудо мешаванд. |
| 135. | Кадом ҷумларо ҷумлаи хуллас меноманд? | Ҷумлае, ки танҳо аз сараъзоҳо иборат аст, ҷумлаи хуллас номида мешавад. Мисол: *Борон борид. Ман менависам.* |

| | | |
|---|---|---|
| 136. | Кадом ҷумларо ҷумлаи тафсилӣ меноманд? | Ҷумлае, ки ба ғайр аз сараъзоҳо боз аъзои пайрав дорад, ҷумлаи тафсилӣ номида мешавад. Мисол: *Борони сел борид. Ман дар мактаб мехонам.* |
| 137. | Ҷумлаи яктаркиба чӣ гуна ҷумла аст? | Ҷумлае, ки як сараъзо дорад, ҷумлаи яктаркиба ном дорад. Мисол: *Пеш аз таъом даст мешӯянд. Ҳозир аз деҳа омадам.* |
| 138. | Чӣ гуна ҷумларо ҷумлаи дутаркиба меноманд? | Ҷумлае, ки ду сараъзо дорад, ҷумлаи дутаркиба номида мешавад. Мисол: *Мирзо дувоздаҳро пур кард. Ман пагоҳ ба кор меравам.* |
| 139. | Чӣ ғуна ҷумларо ҷумлаи чидааъзо меноманд? | Ҷумлае, ки якчанд аъзои он такрор ёфта, онҳо ба як савол ҷавоб мешаванд , яъне аъзои як ҷумлаанд, ҷумлаи чидааъзо номида мешавад. Мисол: *Ҳаво гарм, хунук ва мӯътадил мешавад. Он ҷо харгӯш, зоғ, мӯш, гурба ва гургро дидан мумкин аст.* |
| 140. | Дар вақти таҳлили синтаксисӣ ба зери аъзоҳои ҷумла кадом | Дар вақти таҳлил ба зери аъзоҳои ҷумла хатҳои зеринро мекашанд:<br>• мубтадо – як хати рост;<br>• хабар – ду хати рост; |

| | | |
|---|---|---|
| | намуди хатро мекашанд? | • муайянкунанда – як хати мавчнок:<br>• пуркунанда – як хати рости канда-канда;<br>• ҳол – тире ва нуқтаҳои такрор ба такрор |
| 141. | Мухотаб чист? | Калима ва ё иборае, ки мурочиатро мефаҳмонад, мухотаб ном дорад. Мисол: *<u>Каромат</u>, китобро биёр! Боло гузаред, <u>дўстони азиз</u>!*<br>Мухотаб аъзои чумла нест ва ҳангоми таҳлили синтаксисӣ ба он савол гузошта намешавад. |
| 142. | Аъзоҳои туфайлии чумла кадомҳоянд? | Калима, ибора ва чумлае, ки ба воситаи онҳо гўянда муносибати худро ба мазмуни чумла изҳор мекунад, аъзои туфайлӣ ном доранд. Мисол: *Мактуби ту, <u>ҳақиқатан</u>, маро хурсанд кард. Имсол, <u>аз рўйи тахмини ман</u>, баҳор зуд меояд.*<br>Аъзоҳои туфайлӣ дар навишт аз дигар чумлаҳо бо вергул чудо карда мешаванд. |
| 143 | Аъзоҳои истисноии чумла кадомҳоянд? | Калима ибора ва чумлае, ки ҳамчун илова истеъмол гардида, маънои умумии чумла ва ё ягон аъзои онро возеҳу аниқ мекунанд, аъзои истисноӣ ном доранд. Мисол: |

| | | |
|---|---|---|
| | | *Дар муддати ду моҳ – октябр ва ноябр – ҳеҷ кас наомад.* Аъзоҳои истисноӣ пасттар талаффуз шуда, дар навишт бо тире, вергул ва қавс ҷудо карда мешаванд. |
| 144. | Нутқи айнан нақлшуда чист? | Агар дар матн суханони шахсе айнан (бетағйир) оварда шаванд, онро нутқи айнан нақлшуда мегӯянд. |
| 145. | Муколама чист? | Гуфтугӯи ду ва зиёда шахсро муколама меноманд. Ҳангоми навиштани муколама сухани ҳар як гӯянда аз аввали хат ва бо тире сар карда мешавад. |
| **Услубшиносӣ** | | |
| 146. | Услубҳои забони тоҷикӣ кадомҳоянд? | Панҷ услуби забони тоҷикӣ маълум аст:<br>• **Услуби бадеӣ** – хусусияташ образнокӣ;<br>• **Услуби илмӣ** – хусусияташ истифодаи истилоҳот;<br>• **Услуби хабарнигорӣ** – хусусияташ ташвиқот;<br>• **Услуби расмӣ –коргузорӣ** – дар навиштани ҳуҷҷатҳо истифода мешавад;<br>**Услуби гуфтугӯӣ** – хусусияти лаҳҷавӣ дорад. |

| | | |
|---|---|---|
| 147. | Задаи мантиқӣ чист? | Сахттар ва баландтар талаффуз шудани якс аз калимаҳои ҷумларо задаи мантиқӣ меноманд. |
| 148. | Таъбир (фразеологизм) чист? | Ифода ва ибораҳос, ки маънои яклухту маҷозӣ доранд, таъбир (фразеологизм) номида мешаванд. Ифода ва ибораҳо вақте ба таъбир табдил мсёбанд, ки шакли устувор ва маънии маҷозӣ пайдо кунанд. Мисол: *барги сабз* – *тӯҳфа, гурги борондида* – *ботаҷриба* |
| 149. | Таркиби луғавии забон чист? | Ҳамаи доронии забон, яъне тамоми калимаҳои забонро таркиби луғавии забон меноманд. |
| 150. | Фонди луғавии забон чист? | Калимаҳои ҳаётан муҳим ва асосии забонро, ки қариб ҳамарӯза истифода мешаванд, фонди луғавии забон меноманд. *Мисалан: об, замин, гуфтан, рафтан, нон, даст, чашм, дидан* |

[redacted]

**Алишери МУҲАММАДӢ**

# ЁДНОМА

**(бо забони тоҷикӣ)**


Тарроҳ Шӯҳрат Ҷабборов
Мусаҳҳеҳ Эргаш Қодиров

Ба матбаа 10.03.2008 супорида шуд. Ба чопаш 18.03.2008 имзо шуд. Қоғази офсетии №1. 1,25 ҷузъи чопӣ. Андозаи 60x84 1/32. Адади нашр 5000 нусха. Нархаш озод.

734018, ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ, 16.
Нашриёти «Шарқи озод»